*Бо қарори Шӯрои*
*олимони донишгоҳ аз*
*«___» _____ соли2014*
*тасдиқ шудааст*

***Низомномаи***
***магистратураи Донишгоҳи Давлатии***
***омӯзгорииТоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ***

Низомномаи мазкур дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» 17 майи соли 2004, №34 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ» аз 8 декабри соли 2003, қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2005, №264 дар бораи «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 ноябри соли 2006 №484 дар бораи Консепсияи рушди таҳсилоти касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, боби 7 бандҳои 113, 115, 116, 117, 124, 127, 128 ва боби 8 бандҳои 129, 130, 131, 132, 134, 135,136, 137, 138, 139, 140, 142- и Оиннома ва Низомномаи муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ» (бо фармоиши Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 сентябри соли 2014, №2055) ва дигар санадҳои маъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф таҳия шудааст.

***Вазифаҳои магистр дар донишгоҳ***

Магистри донишгоҳ бояд:

- муҳимтарин ғояҳои таърихи фалсафаи ҷаҳониро донад;
- роҷеъ ба пайдоиш, сарчашма ва самти ташаккули фарҳангу тамаддуни муосир маълумот дошта бошад;
- тамоюли муҳими ташаккули ҷомеа ва соҳаи асосии муносибати ҷамъиятӣ аз ҷумла сиёсат ва фарҳангро аз худ намояд;
- оид ба таърих ва тамоюли ташаккули ихтисоси худ маълумот дошта бошад;
- вобаста ба ихтисос малакаи такмилёфтаи муносибати шахсӣ, роҳбари ва истеъдоди гуфтугӯиро дошта бошад;
- тағйир додани сохтори мазмуну ҷараёни таълим, наздик шудан ба пешрафти назарияи илмӣ, такя ба назария, системаи дониш, ҷанбаи илмию методӣ, ҷаҳонбинии илмӣ ва гузаштан ба системаи нави дидактикиро дарк намояд;
- Ҷумҳурии Тоҷикистон – Ватани азизи худро дӯст дорад;
- рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро эҳтиром намуда, суруди миллиро ҳифз намояд ва бо оҳанг сарояд;

- забони давлатӣ – забони адабии тоҷикиро донад ва пок нигоҳ дорад ва баҳри рушду нумӯи забони давлатӣ кӯшиш намояд;

- на камтар аз ду забони байналмиллалиро аз бар намуда, бо яке аз онҳо мақола ва татқиқоти илмӣ навишта тавонад ва андешаашро хаттиву шифоҳӣ дар сатҳи соҳибзабон ифода намояд.

- таърихи халқи тоҷикро омӯзад ва ба ҳаводиси он баҳои дуруст дода тавонад;

- фарҳангу адабиёти тоҷику форсро омӯзад ва тарғибгари он бошад;

- миллати худро дӯст дорад,баҳри ваҳдат, якпорчагӣ ва осудагии кишвари худ кӯшиш ба харҷ диҳад ва миллатҳои дигарро эҳтиром намояд;

- комёбиҳои илму техникаи замони муосир ва технологияи иттилоотиро аз бар намуда, барои такмили пешрафти илму техника кӯшиш намояд;

- барномаҳои компютериро пурра аз бар карда аз Интернет истифода карда тавонад.

***Вазифаҳои корӣ (мансабии) магистр дар донишгоҳ***

9.1.Магистр дар соҳаи илм: зери роҳбарии иҷрокунандаи масъул (роҳбар) татқиқоти илмӣ-амалиро оид ба фаслҳои (даврҳо, супоришҳо) мавзӯъ мутобиқан ба методикаи муқарраршуда ба сомон мерасонад. Дар гузаронидани таҷрибаҳо ширкат меварзад, назорат ва санҷишҳо гузаронида, дар асоси онҳо хулосаҳо мебарорад.

Иттилооти илмӣ-техникӣ, таҷрибаи ватанӣ ва хориҷиро оид ба мавзӯоти татқиқотӣ меомӯзад, оид ба мавзӯъ ҳисобот (фаслҳои ҳисобот) тартиб медиҳад. Дар кори амалан ҷорӣ намудани натиҷаҳои тадқиқот ва кори конференсияҳо ва семинарҳои донишгоҳ чопи корҳои илмӣ иштирок мекунанд.

9.2.Магистр дар соҳаи истеҳсолот: фаъолияти худро дар асоси истифодаи васеи техника ва технологияи навинтарин, шаклҳои пешқадами идоракунӣ ва ташкили меҳнат, меъёрҳои дар чорчӯбаи илман асоснокшудаи маблағгузорӣ ва сарфи меҳнат, омӯзиши талаботи бозор ва таҷрибаи пешқадам (ватаниву хориҷӣ) ба роҳ мемонад. Бо мақсади боло будани дараҷаи техникӣ ва сифати маҳсулот (хизматрасонӣ), самаранокии иқтисодии истеҳсолӣ, оқилона истифода бурдани захираҳои истеҳсолӣ ва ҳама намудҳои манбаъҳо аз ҳама воситаҳо истифода мебаранд. Дар ҷорӣ намудани системаи автоматикунонии лоиҳакашӣ, фаъолияти ташкилӣ оид ба гузаронидани корҳои тадиқиқотӣ ва таҷрибавӣ дар асоси протсессҳои технологии замонавӣ сурат гирифта, иштирок менамояд.

9.3. Магистр дар соҳаҳои иҷтимоӣ: дар корҳои истифодаи технологияи нави иттилооти иштирок менамояд, корхона ва кормандони алоҳидаи онро бо ахбори тоза, дастовардҳои ватаниву хориҷии илмӣ, техникӣ, иқтисодӣ ва таҷрибаи пешқадами истеҳсолӣ таъмин мекунад, бо мақсади баланд бардоштани донишҳои илмӣ-техникии кормандон, созмон додани фазои хуби иттилоотии корхона семинарҳо ва

конфренсияҳо созмон медиҳад, ба чопи корҳои илмӣ мусоидат менамояд. Магистр инчунин дар кори васеъ ҷорӣ намудани воситаҳои механиконӣ ва технологияи компютерӣ дар фаъолияти хадамоти сотсиологӣ ва пурқувват гардонидани базаи иттилооти он  ширкат меварзад. Тарзу усулҳои фаъолияти педагогиро истифода мебарад.

***Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои магистр дар донишгоҳ***

. Магистр шахсе  мебошад, ки бо тартиби муқараршуда ба Донишгоҳ қабул шуда, дар шӯъбаҳои рӯзона, ғоибона, таҳсили фосилавӣ ва ё ба тариқи экстернат бо мақсади гирифтани зинаи муайяни таҳсилот ва ихтисос дар асоси созишномаи дуҷониба таҳсил менамояд.

. Ба магистри Донишгоҳ намуди муқарраршудаи корт, шаҳодатномаи донишҷӯӣ  ва дафтарчаи имтиҳонӣ дода мешавад.

***.Ҳуқуқҳои магистри донишгоҳ:***

- бо риояи талаботи Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, стандатрҳои таълимӣ аз рӯи ихтисос, талаботҳои давлатӣ аз рӯи ихтисос дониши худро ташаккул диҳад;
- талаботи Оинномаи донишгоҳ, Қоидаҳои тартиботи дохилӣ, Дастурамали либосҳои тавсиявӣ, низомномаҳо, дастурҳо, тартибҳо ва дигар санадҳои меъёрӣ ва ҳуқуқиро амалӣ намоянд;
- бо истифода аз озодиҳои академии худ дар интихоби фанҳои алоҳида, курсҳои факултативӣ ва курсҳои аз рӯи касб ва ихтисос тибқи нақшаи таълим ва нақшаи инфиродии магистр муқарраргардида фаъолона иштирок намоянд;
- ба шароити зарурии таҳсил, пайвастани таҳсил бо фароғат таъмин бошанд;
- Низомнома ва муқарраროти низоми кредитии таҳсилотро риоя ва амалӣ намоянд;
- машғулиятҳои лексионӣ, амалӣ, семинарӣ, лабораторӣ ва дигар талаботи таълимиро сари вақт иҷро намоянд;
- барои иштирок дар корҳои мустақилона ва корҳои мустақилона бо роҳбарии омӯзгор масъул буда, дар ин машғулиятҳо дар аудитория ва берун аз аудитория омодагӣ гиранд;
- ҳангоми қарздории академӣ ҷиҳати бартараф намудани он дар таҳсили иловагӣ-триместр иштирок намуда, талаботи онро пурра иҷро намоянд;
- дар муҳокима ва ҳалли масъалаҳои муҳимтарини донишгоҳ, аз ҷумла, тавассути иттиҳодияҳои ҷамъият ва мақомоти давлатии идораи маориф ва илм иштирок намоянд;
- аз китобхонаҳо, марказҳои иттилоотӣ, интернет, почтаи лектронӣ ва сайти донишгоҳ, воситаҳои дигари иттилоотй ва коммуникатсионй, паркҳои технологӣ, озмоишгоҳҳо, устохонаҳо,

утоқҳои таълимӣ, синфхонаҳо, толорҳои таълимӣ, фарҳангӣ, варзишӣ, сехҳои таълимӣ-истеҳсолӣ, дармонгоҳҳо, нуқтаҳои тиббӣ ва монанди инҳо тибқи Қоидаҳои тартиботи дохилии донишгоҳ ва тартиботи муқарраркардаи Оинномаи мазкур ройгон ва ғайриройгон истифода баранд;

- дар раванди таълим аз паркҳои технологӣ, сехҳо ва устохонаҳои таълимӣ - истеҳсолӣ, озмоишгоҳҳо ва дигар сохторҳои марбута бо тартиби муқарраргардида ройгон ва ғайриройгон истифода намоянд;

- дар ҳамаи намудҳои корҳои таълимӣ, тарбиявӣ, илмӣ, инноватсионӣ, варзишӣ, фарҳангӣ, методӣ, тадқиқотӣ, конференсияҳо, семинарҳо, симпозиумҳо, маҳфилҳо, кулбҳо, викторинаҳо ва озмунҳо иштирок намоянд;

- корҳои илмии худро дар нашрияҳои донишгоҳ барои чоп пешниҳод кунанд;

- аз болои қарорҳои шӯрои олимон ва фармоишҳои ректори донишгоҳ тибқи тартиботи муқарраркардаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон шикоят намоянд;

- дар мавридҳои беморӣ, инчунин занҳои ҳомиладор ва тифли ширхорадошта тибқи муқаррароти «Низомномаи рухсатии академии магистрони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Низомномаи донишгоҳ рухсатии академӣ гиранд;

Магистрони донишгоҳ, ки дар шуъбаи рӯзона таҳсил намуда, аз ҳисоби буҷети давлатӣ таълим мегиранд, дар ҳаҷми муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо стипендия таъмин карда мешаванд.

.Дар асоси нишондоди тиббӣ ва дигар ҳолатҳои истисноӣ ба магистри донишгоҳ тибқи тартиби муқарраркардаи муассис рухсатии академӣ дода мешавад.

Магистри шакли таҳсили рӯзона, ки дар донишгоҳ таҳсил менамоянд, аз даъват ба хизмати ҳарбӣ дар муддати таҳсил озод карда мешаванд.

. Магистри шакли таҳсили рӯзонаи донишгоҳ, ки аз донишгоҳ хориҷ шудаанд, аз ин имтиёз, ки дар банди 129 ва 135 зикр ёфтааст, маҳрум мегарданд.

.Ба ҳар як таълимгирандаи донишгоҳ, ки ба хобгоҳ эҳтиёҷ дорад, дар сурати мавҷуд будани фонди манзилӣ утоқи хоб таъмин карда мешавад.

Ба ҳар як сокини хобгоҳ бо шакле, ки мақомоти ҷумҳуриявии давлатии идораи маориф ва илм муқаррар намудааст, инчунин тибқи

Қоидаҳои зисти хобгоҳ шартнома миёни донишгоҳ ва таълимгиранда баста мешавад.

Дар сурати халалдор кардани муқаррароти мавҷуда нисбат ба магистрон то дараҷаи аз хобгоҳ ва Донишгоҳ хориҷ намудан чораҳои интизомӣ андешида мешавад.

Барои комёбиҳо дар таҳсил, иштироки фаъолона дар корҳои илмию тадқиқотӣ, магситр мувофиқи Оинномаи мазкур аз лиҳози моддию маънавӣ ҳавасманд гардонида мешаванд.

. Магистри донишгоҳ кафолати ба дигар муассисаҳои олии таълимӣ гузаштан ва барқарор шуданро мувофиқи тартиботи муқаррарнамудаи мақомоти чумҳуриявии давлатии идораи маориф доранд. Ҳангоми гузариш ба муассисаи олии таълимии дигар ҳамаи ҳуқуқҳои донишҷӯён дар ин зинаи таҳсилоти олии касбӣ нигоҳ дошта мешаванд.

.Ба магистроне, ки бо шакли таҳсили ғоибона, фосилавӣ, ва бо тариқи экстернат дар донишгоҳ таҳсил менамоянд, ҳамон имтиёзҳои таълимиро, ки барои шакли рӯзона муҳайё кардааст таъмин менамояд.

***Уҳдадориҳои магистри донишгоҳ:***

-донишҳои назариявиро аз бар намоянд, маҳоратҳои амалиро касб кунанд, усулҳои тадқиқотии муосирро аз рӯи ихтисос интихоб намуда, аз худ намоянд;

- сари вақт тамоми супоришҳоро тибқи ҷадвали дарсӣ аз рӯи нақшаи таълим, нақшаи инфиродии худ иҷро намуда, талаботи барномаи таълим, барномаҳои корӣ аз рӯи ҳар як фан, талаботи силлабусҳоро риоя ва амалӣ гардонанд;

баҳри баланд бардоштани сатҳи фарҳангӣ, ҳисси баланди худшиносӣ, азбарнамоии арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ, эҳтироми муқаддасоти Ватан ва камолоти ахлоқӣ саъю кӯшиш кунанд;

- талаботи Оинномаи мазкур ва қоидаҳои тартиботи дохилиро ба пуррагӣ риоя намоянд;

- тамоми талаботи фаъолияти касбии дар тавсияномаи тахассусӣ пешбинигардидаро риоя намоянд;

-ҳамаи талаботи низоми кредетии таҳсилотро риоя ва иҷро намоянд;

- барои иҷрои корҳои мустақилонаи донишҷӯ ва корҳои мустақилона бо омӯзгор, ки берун аз аудитория ё дар аудитория сурат мегирад, тайёрӣ бинанд ва супоришҳоро сари вақт иҷро намоянд;

- ба дарсҳои амалӣ, семинарӣ, лабораторӣ, таҷрибавӣ омодагӣ бинанд ва дастурҳои омӯзгоронро сари вақт иҷро намоянд;

- аз истифодаи телефонҳои мобилӣ дар синфхонаҳо ҳангоми дарс қатъиян худдорӣ намоянд;

-дастури тавсиявии сару либосро дар дохили донишгоҳ риоя намоянд;

-аз истифодаи мошинаҳои шахсӣ ҳангоми омадан ба донишгоҳ қатъиян худдорӣ намоянд;

- дар чорабиниҳои донишгоҳӣ ва ҷумҳуриявӣ фаъолона иштирок намоянд;

- қоидаҳои донишҷӯиро пурра ва бечуну чаро иҷро намоянд;

- аз истифодаи дафтарҳои суратдор даст кашанд;

- ба донишгоҳ бо ҷузвдон ва китобу дафтар ҳозир шаванд;

- қоидаҳои тартиботи дохилии хобгохро иҷро намоянд;

- аз кашидани носу сигор, нӯшокиҳои спиртӣ ва маводҳои мадҳушкунанда дар ҳудуди донишгоҳ ва берун аз он худдорӣ намоянд;

- дар ҳашарҳо, чорабиниҳои ободонӣ ба хотири тозагӣ, беҳар шудани ҳолати санитарӣ, тоза нигоҳ доштани синфхонаҳо, роҳравҳо, биноҳо ва сарзабз нигоҳ доштани майдончаҳои донишгоҳ ва аторфи он фаъолона ширкат варзанд;

- гулу гулбутаҳо, сабзаҳои ороишӣ, дарахтони ороишии донишгоҳ ва аторфи онро нигоҳубин намоянд;

- Оинномаи донишгоҳ, Қоидаҳои тартиботи дохилӣ, қарорҳои Шӯрои олимон, дастуру супориш ва фармоишҳои ректори донишгоҳ ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқии соҳаи маорифро иҷро ва риоя намоянд; қоидаҳои зист дар хобгоҳ ва дигар талаботҳоро, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст, риоя намоянд;

- ба молу амволи донишгоҳ, ки ба ихтиёрашон вогузошта шудааст, эҳтиёткорона муносибат намоянд;

- ҳангоми расонидани зарар (барқасдона шикастан ва корношоям сохтани амвол) ба донишгоҳ тибқи тартиботи муқарраргардида товони онро пурра ҷуброн намоянд;

- қоидаҳои бехатарии зидди сӯхторро ҳангоми кор бо воситаву таҷҳизоти барқӣ ва ҳифзи муҳити зистро риоя намоянд;

***Магистр аз донишгоҳ дар ҳолатҳои зерин хориҷ карда мешавад:***

- бинобар вазъи саломатӣ дар асоси маълумотномаи комиссияи машваратӣ- тиббӣ;

- бо сабаби ба дигар муассисаи таълимӣ гузаштан;

- бо сабаби давомоти нокифоя (зиёда аз 36 соат дар як нимсолаи таълимӣ);

- барои қарзҳои академӣ, аз ҷумла, дар ҳолати сари вақт насупоридани се ё зиёда аз он санҷишу имтиҳонҳои фаннӣ;

- барои донишҷӯёне, ки дар асоси шартнома таҳсил мекунанд, дар ҳолати сари вақт пардохт накардани маблағи таҳсил тибқи шартнома;

- барои содир кардани ҷиноят ва ба қувваи қонунӣ даромадани ҳукми суд;

- дар ҳолати истифода бурдани телефонҳои мобилӣ дар раванди таълим ва дохил шудан ба ҳудуди биноҳои таълимӣ ва хобгоҳҳои донишгоҳ бо нақлиёт;

- бо сабаби иштирок накардан дар имтиҳонҳои ҷорӣ ва давлатӣ;
дар сурати расонидани зарари моддӣ ба донишгоҳ;

- дар сурати дашном додан, дурӯғ гуфтан, таҳқир ё бесабаб расонидани зарари моддӣ ва ҷисмонӣ ба омӯзгор;

- дар сурати иштирок накардан дар таҷрибаи педагогӣ, истеҳсолӣ ва омӯзгорӣ;

- барои вайрон кардани талаботи «Дастуруламали тавсиявии либосҳои хонандагон ва донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ»;

- барои вайрон кардани Оинномаи мазкур ва қоидаҳои тартиботи дохилӣ.

***Таҳияи рисолаи магистрӣ дар магистратураи донишгоҳ***

11.1.Таҳияи рисолаи магистрӣ дар тӯли тамоми давраи таҳсил дар магистратураи донишгоҳ идома меёбад. Тибқи нақшаи инфиродии магистрант ва мӯҳлатҳои дар он муқарраргардида магистрант бояд оид ба рафти иҷрои кор дар назди роҳбари илмӣ, роҳбари барномаи магистрӣ ва кафедраи марбут ҳисобот диҳад.

Рисолаи магистрӣ дар охири семестри хотимавӣ дар ҷаласаи Комиссияи аттестатсионии давлатӣ (КАД) дифо карда мешавад.

11.2.Шахсоне, ки магистратураро бо баҳои хубу аъло хатм мекунад, дар асоси қарори Комиссияи давлатии аттестатсионӣ барои таҳияи рисолаи доктории PhD (аз рӯи ихтисос) ва ё ба аспирантура тавсия карда мешаванд.

11.3.Магистрант ин шакли таҳсилро метавонад дар донишгоҳ ва ё донишгоҳҳои дигари ҷумҳурӣ ва ё хориҷӣ идома диҳад.

11.4.Маълумоти муфассалро магистри донишгоҳ аз шуъбаи аспирантураи донишгоҳ ва ё Вазорати маориф дарёфт менамояд.